# ТАҚРИЗИ

ба рисолаи номзадии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи "Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат)".

Тавсифи умумии рисолаи диссертатсионии Маҳмадалиев Эраҷ Шукрулоевич ин тавсифи қисмҳои назариявӣ ва амалӣ, мулоҳиза ва хулосаҳо оид ба таълими конвергентӣ мебошад ва онҳо дар автореферат пешниҳод карда шудааст, ки мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Усули омории таҳлили гузаронидани таҷриба дар таҳқиқоте, ки ҷиҳати педагогӣ дорад масъалаи душворро дарбар мегирад, ки бо талаботҳои махсус алақаманд аст. Барои мисол баъзе аз онҳоро унвонҷӯ чунин пешниҳод намудааст:

— гузаронидани таҷрибаҳои зиёд ба мақсади омӯхтани самаранокии усулҳои таҳқики педагогие, ки дар онҳо объектҳои мушоҳидашаванда намунавӣ бошанд;

— ҳамин гуна шароити гузаронидани маҷмӯи таҷрибаҳоеро таъмин намудан лозим меояд, ки дар он таъсири якзайлӣ омилҳои беруна дар раванди таҳқиқот риоя шавад ва тағйирёбии омилҳо бошанд ба ҷараёни таҳқиқот монеа эҷод накунад.

Дар рисолаи мазкур натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки усулҳои пештараи татбиқшудаи таълими технология барои мутахассисони ояндаи фани технология истифода шудани усулҳои ҳозиразамонро тақозо менамояд ва онҳо барои афзун гардонидани самаранокии касбӣ равона карда шудааает. Аз ин лиҳоз дар назди мо мақсади таҳқиқи фарзияи ривоҷ додани сифат ва омӯзиши фанни таълими конвергентии технология ва информатика, ҳамчун муваффақшавӣ ба тамоюли касбии мутахасисони ояндаи он, гузошта шуд. Дар чунин ҳолат мебояд ба омилҳои зерин ба эътибор гирифта карда шавад:

— Муайян кардани анъана ё ба ибораи дигар тамоюл нисбат ба ташкил намудани сифати таълими конвергентии технология ва информатика бо дарназардошти таълими касбӣ;

— Сохтани маҷмӯи усулҳои омӯзгорӣ барои ҷорӣ кардани комёбиҳои самараноки технология ва дигар илмҳо заруранд;

— Муайян кардани ҷой ва ҷорӣ кардани низоми баҳодиҳии сифати таълим дар технологияи конвергентӣ ҳангоми машғулияти фанни технология ва гирифтани маълумоти оморӣ доир ба самаранокии он.

Татбиқи амалии масъалаҳои гузошташуда коркарди меъёрҳои алоҳидаро талаб менамояд, ки онҳо барои санҷиши дурусти фарзияҳои пешниҳодшуда оиди маҷмӯи нишондиҳандаҳои маҳорат ва сифатнокии шахсиятии донишҷӯ, ҳамчун воситаи муваффақшавии ба дониши касбӣ истифода бурда мешаванд:

— боварибахш будани низоми баҳодиҳии сифати таълим нисбат ба нишондиҳандаи ҷаъбастӣ;

— таъмини шароити шаффофӣ ва дастрас барои донишҷӯ зимни истифодаи таълими конверегнтӣ;

— ташкили заминаи техникӣ пайваста бо таъмини барномавӣ ва ташкили манбаи маълумотҳо.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳо бартариятҳои тадбиқи таълими конвергентии технология ва информатика тариқи зерин зоҳир гардиданд:

- мавҷуд будани маҳорати техникӣ барои самаранок иҷро намудани кори мустақилона ва дар навбати худ ба натиҷаҳои баҳогузории ҷамъбастии донишҷӯ таъсири мусбӣ мебахшад;

Хулосаҳо аз натиҷаҳои баланди азхудкунии таълими конвергентӣ дар доираи низоми мазкур нишон медиҳад. Натиҷаҳои дар диаграммаҳо овардашуда низ аз мароми мақсади ба миёнгузошташударо нишон медиҳанд. Дар рисола инчунин самтҳо ва ҷиҳатҳои мусбии низоми санҷиши дониши техникӣ зимни омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) муайян карда шуд. Ҳамин тариқ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, самаранок истифода намудани таълими конвергентӣ дар машғулиятҳои технология ва информатика ба сатҳу сифати донишазхудкунӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳисоб менамоем, ки таҳқиқотҳои диссертатсионии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич дар мавзӯи “Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакинии омӯзгорониояндаи фанни технология” (таълими меҳнат). ”, ки барои саъйи гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 .- назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ пешниҳод карда шудааст ба талаботи ихтисос ҷавобгӯ мебошад ва мувофиқи нишондоди талаботҳо оид ба диссертатсияи номзади иҷро карда шудааст ва барои ҳимоя тавия дода мешавад.

Хулоса, рисолаи дисертасионии Маҳмадалиев Эраҷ Шукурллоевич аз рӯи ҳаҷми маводҳои назарияви ва амалӣ, моҳият ва аҳмияти натиҷаҳо ба ҳамаи талаботҳои КАО-и назди президенти ҶТ, барои ҳимояи диссертатсияи номзади аз рӯи ихтисоси 13.00.08 .- . назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ ба талаботи ихтисос ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он бешубҳа ба додани унвони илмии номзади илмҳои педагогика сазовор мебошад.

**Баҳодиҳанда (апонент) :**
номзадии илмҳои техникӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи физикаи умумӣ
ва электроникаи
Донишгоҳи давлатии Данғара Ризоев Сироҷиддин Ғуломович

Суроға:
735140, ш. Данғара,

ШУЪБАИ КАДРҲО

*Имзои номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсент С.Ғ. Ризоевро тасдиқ менамоям:*
*Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии Данғара*